*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе,*
*к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)*

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи "Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи "Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)" дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои 2.2., 2.14., 3.4., 3.20., 3.21. ва 3.25-и шиносномаи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Таъмини амнияти озуқаворӣии аҳолии мамлакат ва истиқлолияти воқеии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба рушди комплекси агросаноатии он вобастагии мустақим дорад. Ҳамчунин, дар доираи стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ду ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣии мамлакат ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ки амалишавии ҳадафҳои дар боло зикргардидаро танҳо тавассути ташаккулу рушди хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ таъмин намудан имконпазир аст. Қайд кардан зарур аст, ки рушди хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии кишвар ба таъмини сармоягузориҳо бахусус сармоягузориҳои реалӣ алоқамандии бевосита дорад. Зеро таъмини сармоягузориҳои реалӣ ба хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии мамлакат имконият медиҳад, ки технологияи муосири инноватсиониро ба истеҳсолот ҷалб намуда, корхонаҳои саноати коркарди ҷумҳуриро бо ашёи хоми ватанӣ таъмин намояд.

Муҳиммияти мавзуъро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк намуда, барои таъмини сармоягузориҳо ҷиҳати рушди комплекси агросаноатии мамлакат тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад. Дар радифи пешравиҳо ва рушди комплекси агросаноатии кишвар мушкилотҳои зеринро номбар кардан ба маврид аст, ки ба рушди комплекси агросаноатӣ таъсири худро мерасонанд: кам гардидани сармоягузориҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ; кам гардидани сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои кишоварзӣ; мушкилоти сарчашмаҳои худии субъектони хоҷагидор; баланд будани меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ ва ғ. Аз ин хотир, масоили танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, маблағгузории раванди сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва корхонаву хоҷагиҳои он, хусусиятҳои рушди низоми захираҳои молиявии корхонаҳо дар марҳилаҳои мухталифи рушди иқтисодиёт, сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидорӣ, риояи сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, молиякунонии ҷараёнҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ, аз ҷумлаи масоиле мебошанд, ки таҳқиқу арзёбии мушаххаси илмиро тақозо доранд. Бинобар ин, таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии комплекси агросаноатии кишвар мавзуи муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рушди муқарраротӣ назариявӣ, усулӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ оид ба ташаккулу равнақи раванд ва таъмини сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон иборат мебошад. Бинобар ин, унвонҷӯ барои расидан ба ин ҳадаф **вазифаҳои таҳқиқотро** пешниҳод намудааст. Аз таҳқиқи диссертатсия муайян гардид, ки нуктаҳои зерин, ки ҳамчун унсурҳои навгонии илмӣ муаррифӣ гардидаанд, дар диссертатсия ва автореферати кори илмӣ мавҷуд буда, аз таҳлилу натиҷагириҳои муаллиф сарчашма мегиранд:

- аз ҷониби муаллиф ҷанбаҳои назариявию методологии сармоягузориҳо тақвияту тавсеа дода шуданд, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва усулҳои сармоягузориҳо, махсусан сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС ва нақши онҳо дар рушди истеҳсолоти агросаноатӣ муайян ва мукаммал гардонида шуданд;
- унвонҷӯ як қатор хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди раванди таъмини сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахшро ошкор намуда, усулҳои классикӣ ва муосири баҳодиҳии

самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ва маблағгузориҳои асосиро муайян ва арзёбӣ намудаанд;

- ҷиҳати ба таври амиқ баҳодиҳии вазъи кунунии фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои бахши аграрӣ дар заминаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд;

- дар диссертатсия самтҳои рушди таъмини равандҳои сармоягузории саноатикунонии босуръати иқтисодиёти мамлакат, махсусан танзими давлатии сармоягузориҳо, маблағгузориҳо барои таҷдиди сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта бо назардошти таҷрибаи давлатҳои дорои бахши аграрии тараққикарда муайян ва баҳодиҳӣ гардидаанд;

- аз ҷониби муаллиф ҳолати кунунии таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат бо назардошти истифодаи самараноки манбаҳои молиявии худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ, дар қаринаи ҷорисозии инноватсияҳо дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон таҳқиқ ва арзёбӣ гардидаанд;

- дар диссертатсия ҷиҳати рушди равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, бахусус таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта, матрисаи тавсияю пешниҳодоти илман асоснокшуда коркард ва пешниҳод гардидааст.

## Мазмуни кори диссертатсионӣ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи омӯзиш ва арзёбии масъалаҳо, алоқамандии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объекти таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшванда ба таври мухтасар дарҷ гардидаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявию усулии таъмини сармоягузориҳои фаъолияти хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ» мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст, (С.15-65).

Дар зербоби 1.1. таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити бозор таҳқиқ ва баррасӣ гардида, доир ба мафҳум ва моҳияти иқтисодии сармоягузориҳо бахусус сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври возеҳ ва равшан оварда шудааст.

Диссертант қайд намудааст, ки комплекси агросанотӣ яке аз комплексҳои байнисоҳавие мебошад, ки барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта, аҳаммияти бениҳоят муҳим дорад, зеро маҳз тавассути рушди комплекси мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба ду ҳадафи стратегии худ - таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати иқтисдиёти мамлакат расад. Вале расидан ба натиҷаҳои дар боло зикргардида бидуни таъмини сармоягузориҳо, бахусус сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС имконнопазир аст. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи мафҳум ва моҳияти иқтисодии сармоягузориҳо нуқтаи назари худро оиди мафҳуми сармоягузориҳо пешниҳод намудааст. "Сармоягузорӣ ин гузориши воситаҳои моддию ғайримоддӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолият бо мақсади гирифтани фоида ё ягон самараи дигари иҷтимоӣ мебошад", (С.15-33).

Дар зербоби 1.2. диссертант муҳимтарин хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахшро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст. Муаллиф дар ин самт қайд намудааст, ки таҳқиқ ва омӯзиши хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои таъсирбахш ба фаъолияти сармоягузории КАС ва истифодаи самараноки онҳо имконият медиҳад, ки таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъмин гардад. Ҳамчунин, муаллиф дар ин зербоб хусусиятҳои хоси сармоягузориҳои соҳаи кишоварзиро таҳқиқ намудааст. Дар баробари ин диссертант дар расми 1.2.1.- Принсипҳои ташкили фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ ва дар расми 1.2.2.- Омилҳои ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС таъсирбахшро пешниҳод намудааст, (С.33-48).

Диссертант дар зербоби 1.3. усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамчунин, диссертант оиди истифодаи усулҳои классикӣ ва муосири баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳоро пешниҳод намуда, қайд менамояд, ки истифодаи самараноки усулҳои баҳодиҳии сармоягузориҳо имконият медиҳад, ки дараҷаи даромаднокии корхонаҳои КАС ва сармоягузорон баланд бардошта шавад. Дар баробари ин муаллиф дар расми 1.3.1. таснифоти нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии сармоягузориҳои реалиро таҳия ва пешниҳод намудааст, (С.48-65).

**Дар боби дуюми диссертатсия** "Арзёбӣ ва тамоюлҳои рушди сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои ҷумҳурӣ ва минтақаи Хатлон" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, (С.66-113).

Дар зербоби 2.1. ҳолат ва тамоюлҳои рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тавассути ин муайян карда шудааст, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ, минтақаҳо ва соҳаҳои он вазъи раванди сармоягузориҳо дар кадом ҳолат қарор дорад. Аз ҷумла муаллиф ҳангоми таҳқиқ муайян намудааст, ки дар давраи таҳлил ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 44,6% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар ММД-и кишвар аз 17,6% (2017) то ба 15,3% (2021) кам шудааст. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар миқёси минтақаҳо низ тағйир ёфта, дар соли 2021 нисбати соли 2017 ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии вилояти Суғд -10,7%, вилояти Хатлон +75,7%, ВМКБ +15,7%, НТҶ +8,7% ва шаҳри Душанбе +66,8% тағйиротҳо ба назар мерасанд, (С. 66-78).

Дар зербоби 2.2. баҳодиҳии ҳолати таъмини сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд намудааст, ки вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои муҳими агросаноатии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, 17,7%-и ҳудуди маъмурии онро ташкил дода, масоҳати замини дар ихтиёри кишоварзӣ қарордоштаи вилоят 2468225 ҳаз. га ва майдони замини аҳаммияти кишоварзидоштаи он 1628780 ҳаз. га-ро ташкил медиҳад, ки ба 44,3%-и майдони замини аҳаммияти кишоварзидоштаи ҷумҳурӣ баробар аст. Маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон 21% маҳсулоти умумии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 74,3% ва маҳсулоти чорводорӣ 25,7% маҳсулоти умумии кишоварзии вилоятро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, маҳсулоти умумии минтақавӣ дар давраи таҳлил 40,6%, музди кории ҳармоҳаи як корманд 26,2%, ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоят 31,8%, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилоят 31,6%, сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар вилоят 43,2% афзоиш ёфтааст, ки 25,4% ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, (С.78-95).

Дар зербоби 2.3. арзёбии таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и минтақаи Кӯлоб мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳангоми таҳқиқ муаллиф муайян намудааст, ки минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти вилоят ва ҷумҳурӣ нақши муҳим дорад. Масоҳати замини минтақа 50,2%-и масоҳати замини вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии доимии минтақа дар соли тақвимӣ 1343,8 ҳазор нафар буда, 44,1%-и аҳолии вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии машғули кори иқтисодиёти минтақа ба 193,7 ҳаз. нафар баробар аст, ки он 39,8%-и шумораи аҳолии машғули кори вилояти Хатлонро

ташкил медиҳад. Маҳсулоти умумии саноатии минтақа 42,0%-и маҳсулоти умумии саноатии вилоятро ва маҳсулоти умумии кишоварзӣ 34,0%-и маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Аз ҷумла муайян карда шудааст, ки 63,8% аҳолии машғули кори вилоят дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин 39,7% ба минтақаи Кӯлоб ва 60,3% ба минтақаи Вахшу-Бохтар рост меояд. Дар ҳамин қисмат, муаллиф самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳоро дар мисоли хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и вилояти Хатлон баррасӣ кардааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия** "Самтҳо ва роҳҳои беҳтаргардонии таъмини сармоягузории саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ" мавриди баҳодиҳӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби 3.1. танзими таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати кишоварзӣ дар стратегия ва барномаҳои давлатӣ арзёбӣ гардидаанд. Вобаста ба ин муаллиф қайд менамояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти ин масъаларо дарк намуда, нуқтаҳои асосӣ ва индикаторҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла КАС-и онро дар доираи стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии соҳавию байнисоҳавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати иқтисодиёти агросаноатӣ дар доираи Стратегияи миллии рушд ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 амалӣ гардида истодаанд. Аз ҷумла дар ин ҳуҷҷатҳо самтҳо, сарчашмаҳо ва усулҳои муосири сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ нишон дода шуда, ҳаҷмҳои сармоягузориҳо дурнамо шудаанд. Ҳамчунин, диссертант дар зербоби мазкур масъалаи фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва мусоидат дар ҷалби сармоягузорон бо мақсади навсозӣ ва такмили инфрасохтори корхонаҳо, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ҷорӣ намудани маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулот, таҷдид ва азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳои амалкунанда таҳқиқ ва арзёбӣ гардидаанд, (С.114-131).

Дар зербоби 3.2. масъалаи сармоягузориҳо ба технологияи инноватсионии хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ арзёбӣ гардидааст. Муаллиф дар ин самт қайд менамояд, ки тарраққи ва рушди хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта ба мавҷудияти технологияи муосири инноватсионӣ вобастагии мустақим дорад. Зеро маҳз мавҷудияти технологияи муосири инноватсионӣ рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолнамудаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатиро таъмин карда метавонад. Қайд намудан ба

мақсад мувофиқ аст, ки корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии вилоят 52,8%-и шумораи корхонаҳои саноатии вилоятро ташкил медиҳад, ки аз ин 35% корхонаҳои саноати сабук ва 17,8% корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошад. Ҳамчунон, дар кишоварзии вилоят 67584 адад хоҷагиҳои хурду калону миёна фаъолият мекунанд, ки онҳо ба инноватсияҳо ва сармоягузорӣ ниёз доранд. Инчунин, диссертант ҳангоми таҳқиқи зербоби мазкур фаъолияти 115 корхонаҳои саноати хӯроквории вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлобро ҷиҳати масоили дар онҳо ҷорисозии технологияи инноватсионӣ таҳқиқ намуда, дар маҷмуъ сатҳи ҷоришавии инноватсияҳоро дар онҳо дар 5 соли охир баҳогузорӣ намудааст, (С.131-148).

Дар зербоби 3.3. диссертант қайд менамояд, ки истифодаи таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузориҳо имконият медиҳад, ки рушди хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии мамлакат таъмин гардида, рақобатпазрии маҳсулотҳои ватанӣ баланд бардошта шавад. Ҳамчунин, дар зербоби мазкур расми 3.3.1.- Низоми дастгирии хоҷагиҳои фермерӣ дар Лаҳистон, диаграммаи 3.3.1. -Ҳаҷми умумии маблағгузории минтақаҳои кишоварзӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии давлатҳои алоҳидаи Иттиҳоди Аврупо аз ҳисоби буҷети Иттиҳоди Аврупо ва ҷадвали 3.3.1.-Матрисаи имконияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷалби сармоягузорҳо дар бахши аграрӣ пешниҳод гардидааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

Диссертатсияи пешниҳодгардида аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёт, ҷамъ 187 саҳифаро ташкил дода, дорои 33 ҷадвал, 5 расм ва 2 диаграмма мебошад.

Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович бо забони давлатӣ навишта шуда, хулоса ва натиҷаҳои ҭаҳқиқот ҷавобгӯйи талабот мебошанд. Диссертант ва рисолаи илмӣ зинаҳои гуногуни санҷишҳоро бомуваффақият паси сар намудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия ва дараҷаи илмии онҳо аз он бармеояд, ки диссертант асарҳои олимон-иқтисодчиёни ватанию хориҷиро дар самти таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, таъмини ҳаҷмҳои зарурии ин навъи сармоягузориҳо ва истифодаи самараноки онҳо, рушди саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои иқтисодиёти агросаноатии кишвар, хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои таъсирбахш ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва мусоидат дар ҷалби

сармоягузорон бо мақсади саноатикунонӣ-тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулоти ватанӣ ва имконияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба ҷалб, имтиёзҳо, усулҳои арзёбии истеҳлоки фондҳои асосии истеҳсолӣ ва дигар афзорҳои таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии корхонаҳои агросаноатиро дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта эҷодкорона истифода бурдааст, ки бо сарчашмаҳои боэътимод ва иқтибосҳои воқеъӣ асоснок шудаанд. Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳоро мавҷудияти маълумоти аввалияи омори расмӣ, иқтибосҳо ва сарчашмаҳои саҳеҳи маълумоти овардашуда, дурнамоҳои баҳисобгиришуда, таълифоти муаллиф, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мекунанд, ки бо таҳлили арзёбии илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии корхонаҳои таҳқиқшуда асоснок карда шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он зуҳур мекунад, ки** асосҳои назариявии таҳқиқотро олимони ҷавон ҳамчун муқаррароти илмию услубӣ мавриди баҳодиҳиҳо қарор медиҳанд. **Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он аст, ки** тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ метавонад барои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, хоҷагиҳо ва КАС-и минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта, ҳамчун асосҳои амалӣ хизмат намояд. **Аҳаммияти иқтисодии диссертатсия** дар он аст, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснокшудае, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шуданд, метавонанд аз ҷониби Ҳукумати кишвар, мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ҷиҳати таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон истифода шуда, натиҷаҳои назарраси иқтисодӣ оваранд. **Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар он инъикос меёбанд, ки н**атиҷаҳои иқтисодии дар ин самт бадастомада ба таври мустақим ва ғайримустақим ба рушди индикаторҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 10 мақолаҳои илмӣ, аз он чумла 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқарраротӣ Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, №3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

**Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.**

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардидаро дар худ инъикос мекунад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе норасоӣ ва камбудиҳо низ мавҷуданд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1) Дар диссертатсия хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди таъмини сармоягузориҳои хоҷагиҳо, корҳонаҳои КАС таъсирбахш мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор гирифта шудаанд, аммо хусусиятҳои сармоягузориҳои хоҷагиҳо корхонаҳои КАС ба таври возеҳу равшан дар рисола дарҷ нагардидааст;

2) Дар боби якум ва зербоби 1.3. усулҳои арзёбии самаранокии истифодаи сармоягузориҳо баррасӣ гардидаанд, вале нишондиҳандаҳои мазкур дар таҳқиқот пурра шарҳ дода нашудаанд;

3) Дар боби дуюм ва зербоби 2.1., ҷадвали 2.1.3. сохтори фондҳои асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буриши соҳаҳо оварда шудааст, аммо таҳлили онҳо пурра нишон дода нашудааст (саҳ. 69-70);

4) Дар диссертатсия оид ба молиякунонии лоиҳаҳои сармоягузории корхонаҳои КАС қайд гардидааст, аммо хуб мешуд, агар сарчашмаҳои он гурӯҳбанди карда мешуд;

5) Дар матни рисолаи диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки эродҳо ва пешниҳодҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмуни аслии диссертатсияро коста намегардонанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон)» таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй буда, муаллифи диссертатсия Холов Абдулҳамид Мирзомадович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Сафоев А.К.

Имзои Сафоев А.К.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.Н.

13.06.2024

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734055, хиёбони Борбад, 48/5, Тел: (+992) 934578282 Почтаи электронӣ: safoev@list.ru)